**МАРКАЗИ МИЛЛИИ ҚОНУНГУЗОРИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

734024, ш. Душанбе, кӯчаи академик А. Адҳамов, 13, тел: (+99237) 227-45-00, факс: 227-63-64
www.mmk.tj; e-mail: info@mmk.tj

№ 152/2с
аз «25» 12 соли 2020

Бонки миллии Тоҷикистон

Хулоса дар бораи гузаронидани расмиёти машваратҳои оммавӣ оид ба лоиҳаи «Тартиби амалисозии назорати низоми пардохтии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва таҳлили таъсири танзимкунӣ доир ба он

Маркази миллии қонунгузорӣ ҳамчун мақоми ваколатдор оид ба таҳлили таъсири танзимкунӣ огоҳиномаи машварати оммавӣ оид ба лоиҳаи зикргардида ва таҳлили таъсири танзимкунӣ доир ба онро, ки дар Феҳристи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва таҳлили таъсири танзимкунии Портали интернетии иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон 18 ноябри соли 2020 аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон ҷойгир карда шудааст, мавриди баррасӣ қарор дод.

Лоиҳаи мазкур бори аввал аз таҳлили таъсири танзимкунӣ гузаронида мешавад.

Машварати оммавӣ нисбати лоиҳаи мазкур аз 18 ноябр то 18 декабри соли 2020 гузаронида шудааст. Ҳангоми гузаронидани машварати оммавӣ аз тарафи шахсони воқеӣ, ҳуқуқӣ ва мақомоти давлатӣ таклифу пешниҳод ворид нагардидааст.

Омӯзиши ҳуқуқии маводи пешниҳодгардида собит сохт, ки дар лоиҳаи зикргардида риоя нагардидани тартиби гузаронидани таҳлили таъсири танзимкунӣ ҷой доранд:

1. Талабот оид ба сархати ҳафтуми қисми 1 моддаи 36 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» оид ба

тавсифи мушкилот, ки барои ҳал намудани он қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ зарур аст ва оқибатҳои эҳтимолии он дар ҳолате, ки агар ягон амал андешида нашавад, мушкилот пурра шарҳ дода нашудааст. Мувофиқи мақсад аст, ки мушкилоти таҳияи лоиҳаи мазкур пурра мушаххас шарҳ дода шавад.

3. Талабот оид ба сархати нуҳуми қисми 1 моддаи 36 Қонуни болозикр, ки тавсифи мухтасари лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии пешниҳодшуда, аз ҷумла чораҳои пешбининамудаи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии пешниҳодшуда, уҳдадорӣ ва маҳдудиятҳо барои субъектҳои соҳибкорӣ, асосноккунии интихоби роҳи ҳалли чунин мушкилот, ки аз талаботи мазкур бармеояд, нодуруст шарҳ дода шудааст. Чун қоида, аз ҷумла, уҳдадориҳо ва асосноккунии интихоби роҳи ҳалли чунин мушкилот бояд пурра баён гардад.

4. Талабот оид ба сархати ёздаҳуми қисми 1 моддаи 36 Қонуни зикргардида, арзёбии муфассали хароҷоти буҷети давлатӣ эҳтимолияти оқибатҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар ҳолати қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ ва ё роҳи дигари интихобшудаи ҳалли мушкилот ба таври умумӣ пешбинӣ гардидааст. Новобаста аз он, ки хароҷотҳои иловагиро талаб наменамояд, он бояд муфассал арзёбӣ карда шавад. Аз ҷумла, оқибатҳои иқтисодию иҷтимоии соҳибкорон.

Дар баробари масъалаҳои болозикр, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизматрасониҳои пардохтӣ ва низоми пардохтӣ» бо лоиҳаи Тартиби мазкур муайян намуд, ки такрорёбии меъёрҳо истифода бурда шудааст. Аз ҷумла, дар банди 18 Тартиби мазкур.

Ҳамзамон, дар лоиҳаи Тартиби мазкур истилоҳоте истифода шудааст, ки ба фарҳанги имлои дурусти забони тоҷикӣ мутобиқат наменамояд. Аз ин рӯ, зарур аст, ки бо дарназардошти талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатӣ» ва «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ» лоиҳаи Тартиби мазкур пурра таҷдиди назар карда шавад.

Тибқи талаботи Дастурамал оид ба гузаронидани таҳлили таъсири танзимкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон агар дар хулоса аз ҷониби таҳиякунанда риоя нашудани тартиби гузаронидани таҳлили таъсири танзимкунӣ дарҷ шуда бошад, таҳиякунанда таҳлили таъсири танзимкунӣ ва лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқиро такмил дода, онро такроран ба мақоми ваколатдор ҷиҳати пешниҳод намудани хулоса ирсол менамояд.

Бо эҳтиром,
муовини якуми Директор — Соҳибзода М.М.

**Иҷро кард:** Бахши ТТТ.
**Тел:** 227-46-71.